# ҚАРОРИ

## Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон

аз “20” марти с. 2017 № 2 ш. Душанбе

Бо мақсади таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, танзими сатҳи пардохтпазирӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолии фишорҳои қурбию таваррумӣ дар иқтисодиёт, тибқи пайнавишти ҷаласаи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон аз ”20” марти с. 2017, №2:

1. Меъёри бозтамвил ба андозаи **3,5 банди фоизӣ** баланд карда шуда, дар сатҳи **16,0 фоиз** муқаррар карда шавад.

2. Меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ ба андозаи **1,5 банди фоизӣ** ва бо асъори хориҷӣ **2,0 банди фоизӣ** зиёд карда шуда, мутаносибан дар сатҳи **3,0 фоизи солона** ва **9,0 фоизи солона** муқаррар карда шавад. Гузаронидани тамоми ҳисоббаробаркуниҳо дар низоми бонкӣ вобаста ба меъёри фоизии захираҳои ҳатмӣ, тибқи қарори мазкур аз санаи “01” апрели соли 2017 амалӣ карда шавад.

3. Меъёри фоизи амалиёти қарзи шабонарӯзӣ (овернайт) дар **сатҳи меъёри бозтавил ҷамъ +2,0 банди фоизӣ** муқаррар карда шавад.

4. Меъёри фоизи ибтидоии амалиёти музоядаҳои қарзӣ дар сатҳи меъёри бозтавил муқаррар карда шавад.

5. Бо мақсади таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи воқеии бозори байнибонкии қарзӣ, муайян намудани таносуби талаботу пешниҳоди пули миллӣ, ҳаҷм ва сохтори амалиётҳо, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар бозори байнибонкӣ анҷом дода мешаванд, ҳисоби **меъёри фоизи миёнавазни индикативии байнибонкӣ (“benchmark rate”)** ба роҳ монда шавад.

6. Ҷиҳати кам кардани таъсири манфии ҳаҷми пули нақд дар муомилот, барориши коғазҳои қиматноки 6-моҳа бо фоизи меъёри бозтамвил ҷамъи 2,0 банди фоизӣ ба роҳ монда шавад.